«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
профессор ________ Ибодуллозода А.И.
«_30_» ________________ 2024

## Хулосаи
## Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи номзадии Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич "Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа барои муҳокима пешниҳод гардидааст, дар кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расонида шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич "Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» - зери роҳбарии номзади илмҳои фалсафа, дотсент Ш.П. Бердиев бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ аз 28-уми феврали соли 2019, суратмаҷлиси №7 тасдиқ карда шудааст.

Тӯли солҳои 2019-2024 ба сифати унвонҷӯи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ ба омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи мазкур машғул шуда, инчунин ҷиҳати татбиқ намудани донишҳои назариявӣ дар амалия аз фанҳои фалсафа ва сотсиология ба донишҷӯён таълим медиҳад.

Унвонҷӯ имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм аз 17.12.2020, забони хориҷӣ (англисӣ) 20.05.2021 ва ихтисос таърихи фалсафа аз 08.04.2024 супоридааст. Маълумотнома оид ба таҳсил ва супоридани имтиҳонҳои номзадӣ № 54 дар парванда ҷойгир аст.

Кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ аз рӯйи муҳокимаи диссертатсия ва тақризи мусбати мақарризони муайянгардида, хулосаҳои зеринро қабул кард.

Мавзуи мавриди таҳқиқоти диссертант рӯзмарра ва дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошад. Рӯзмаррагии мавзуи таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки мардуми тоҷик дар марҳилаҳои таърихи мавҷудияти худ ҳазорсолаҳо ҷабру ситами аҷнабиёнро бо сабру таҳаммул паси сар карда, бо дастовардҳои безаволи фарҳангии худ беҳтарин бозёфтҳои маънавии нухбагони кишвари худро ҳифз кард. Ба сари халқиятҳои дигар мушти зӯр набардошт ва теғ накашид, хусусан ба халқиятҳое, ки дар сарзамини онҳо зиндагӣ ихтиёр намуда буданд муносибати дӯстона дошта, ҳуқуқу озодиҳояшонро эътироф мекард. Дар сиришти онҳо аз қадим чунин идея парвариш ёфта буд, ки ҳудуд, қаламрави зӯру зар маҳдуд аст, зеро миллатеро

метавон ба василаи зӯрӣ мутеъ кард, аммо бо зӯрӣ наметавон ихлосу имон, бовариву эътиқод, андешаву ҷаҳонбинӣ ва дигар эҳсосоти ғоявии ӯро, ки дар заминаи ҳикмати амалӣ шакл гирифта, такмил меёбанд аз байн рабуд. Ё худ мағлубият ва шикасти низомӣ шикаст ва мағлубияти ниҳоӣ нест, шикасти ниҳоӣ шикасти унсурҳои ғоявӣ, миллӣ ва фарҳангӣ аст, ки баробари аз байн рафтани онҳо миллат тадриҷан аз байн меравад. Агар чунин намебуд, номи миллати тоҷик дар давоми асрҳои зиёд, ки мутеи идораи сиёсии давлатдории аҷнабиён буд, имрӯз аз харитаи сиёсии ҷаҳон бардошта мешуд, вале ин миллат бо назардошти устувор будан дар ақида, андеша, забон, расму оин, илму фарҳанг ва дигар арзишҳои волои ахлоқӣ на ин ки аз байн нарафт, балки рушду такомул ёфта, худро ба оламиён ҳамчун як миллати бофарҳангу башардӯст, сулҳпарвару озодихоҳ, некандешу мутамаддин муаррифӣ карда тавонист.

Ба маънои дигар, илму маориф дар ҳама даврахои таърихӣ нишони тамаддун ва таъриху фарҳанги ҳар як давлату миллат мебошанд. Мардуми тоҷик аз қадимулайём бо дафтару девон сару кор дошт, китобдору китобхон буд ва дар бунёди тамаддуни башарият бо корнамоиҳои илмиву фарҳангии худ саҳми шоиста гузоштааст. Аз ин рӯ, насли имрӯзи ҷомеаи Тоҷикистонро зарур аст, ки анъанаи гузаштагони худро дар рушди фалсафаи амалӣ идома диҳанд, аз саҳифаи таърихи ниёкони худ сабақ андӯзанд, худогоҳу худшинос гашта, барои муаррифии арзишҳои миллии худ саҳмгузор бошанд. Зеро эҳёи тафаккури миллӣ, эҳёи фарҳангу тамаддуни ориёӣ ва дар заминаи он рушд ва такомул додани фарҳангу тамаддуни муосири миллат воситаи муҳимму муассири худогоҳӣ, ҳуввияти миллӣ ва ташаккули рушди ҷаҳонбинии нави миллӣ буда, халқу миллатро ба ваҳдату ягонагӣ ва шукуфоиву бунёдкорӣ хоҳад расонд. Хусусан, падидаи ахлоқ ва эҳёи арзишҳои ахлоқии ниёкон, ки дар баробари тадбири манзилу сиёсати мудун ҳамчун ҷузъи фалсафаи амалӣ буда, инсон, шинохти ботин ва зоҳир ё худ афъол ва аъмоли ӯро омӯхта, илми танзимкунандаи муносибатҳои инфиродию иҷтимоии шахс мебошанд ва метавонад дар рушд ва таҳаввули низоми давлатдории ҷомеаҳои муосир нақши муассири худро гузорад, камомӯхта мебошад. То имрӯз таълимоти ахлоқии мутафаккирони тоҷик, вижагиҳои низоми давлатдории ниёкон, хусусан этикаи аҳди Сосониён ба таҳқиқ ниёз дорад. Пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат, ки этикаи аҳди Сосониён дар пояи се рукни ахлоқии оини маздопарастӣ, дини зардуштия: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек маншаъ гирифта, принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоии тамоми қишрҳои аҳолиро новобаста аз мансубияти динию нажодӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои мардум ва ғайраро таъмин карда, ба як давлати пуриқтидор ва аз як маркази воҳид идорашаванда табдил ёфта буд. Аз ин рӯ, истифода ва татбиқи усулҳо ва

принсипҳои низоми идоракунии давлатдории Сосониён барои ҷомеаи муосир, аз ҷумла давлатории миллии тоҷикон дар мавриди расидан ба арзу доди шаҳрвандон, одилона ва оқилона ҳаллу фасл намудани низоъу бархурдҳо, роҳ надодан ба тафриқаандозии маҳаллӣ, минтақавӣ, миллию нажодӣ, вусъат бахшидани ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ, эҳёи расму оин ва ҷашну маросими миллӣ ва ғайра вижагии хосси худро дорад.

Аз тарафи дигар, андешаҳои ахлоқӣ, фалсафӣ ва давлатдории аҳди Сосониён, ки дар заминаи китоби "Авесто" ташаккул ёфта, дар навъҳои гуногуни мероси хаттӣ: достонҳо, корномаҳо, андарзномаҳо, қитъаҳо ва ғайра инъикос ёфтаанд, ба таври зарурӣ таҳлилу таҳқиқи худро наёфтаанд. Бинобар ин, мавриди таҳлилу муқоиса қарор додани мавзуҳои ахлоқии ёдгориҳои хаттии аҳди Сосониён, ки тарғиби некӣ, адолат, ростӣ, покизагӣ, таҳаммулгарой, дасти мадад расонидан ба ниёзмандон, донишандӯзӣ, эҳтиром ба волидайн, устод, дурӯғгӯӣ накардан, кинаву бухл дар тинати худ парвариш надодан, беасос шахсеро таҳқир ва маломат накардан, побанди нафс набудан ва ғайраро ташкил медиҳанд аз рӯзмарра будани масъалаи мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Инчунин, нуктаи дигар ин аст, ки вобаста ба вазъи пуртаззоди ҷаҳонишавӣ, бархурди тамаддунҳо, рушди бемайлони технологияву воситаҳои қабул ва интиқоли иттилоъ ва омезиш ёфтани арзишҳои фарҳангӣ дар ҷомеаи муосир, хусусан, дар ҷомеаи Тоҷикистон падидаи бегонашавии фарҳангҳо (муошират, тарзи интихоб ва ба бар кардани либосҳои ғайримиллӣ, муносибатҳои оилавӣ ва ғайра), коста гардидани ахлоқ, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, ки ба амнияту суботи ҷомеа, устувории ваҳдати миллӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ монеа эҷод мекунанд, мушоҳида мешаванд, заруратро ҷиҳати рӯй овардан ба омӯзиш ва эҳёи арзишҳои ахлоқии давлатдории Сосониён бештар мекунад. Бинобар ин, дар асоси ин далелҳои тасдиқкунанда омӯзиш ва таҳқиқи ин ҷанбаи мавзуи мазкур аз муҳим будани пажӯҳиши он дарак медиҳад.

2. **Мақсади таҳқиқот** - ин омӯзиш ва таҳқиқи ахлоқ ҳамчун шохаи фалсафаи амалӣ дар аҳди Сосониён ва нишон додани аҳамият ва арзиши он дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад.

**3. Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он бори аввал дар шакли маҷмуӣ ва низомнокӣ фалсафаи ахлоқ дар аҳди Сосониён, аҳамият ва арзиши он дар низоми давладории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот ба таври мушаххас дар чунин натиҷаҳо инъикос ёфтааст:

- таърихи ташаккул, фаҳмиш ва шарҳи фалсафии мафҳуми этика дар низоми давлатдории Сосониён муайян гардидааст;

- нақши ахлоқи зардуштия, ки дар низоми давлатдории аҳди Сосониён ҳамчун кафили адолат ва баробарии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, таҳқиқ ва муайян карда шудааст;

- дар заминаи сарчашмаҳо ва адабиёти фаровони илмӣ нақши Академияи Гунди Шопур дар ташаккули донишҳои илмӣ ва таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониён нишон дода шудааст;

- "Корномаи Ардашери Бобакон" ҳамчун сарчашмаи муътамади таърихӣ ва ахлоқии аҳди Сосониён мавриди омӯзиш ва таҳқиқи амиқи фалсафӣ муайян шудааст;

- ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масъалаҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён муайян карда шуд;

- аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар ташаккули низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон нишон дода шудааст.

**4. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар раванди таҳияи кори диссертатсионӣ муаллиф бештар ба сарчашмаҳо, мероси хаттии бостонии мардуми тоҷику форс, муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои фалсафӣ, таълифоти муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, ки бевосита ба масъалаи ахлоқ, ташаккул ва таҳаввули он дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ бахшида шуда, дар шакли монография, мақолаҳои илмӣ, диссертатсияҳо ва ғайра ба нашр расидаанд, такя намудааст.

Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаю тавсияҳои амалии бадастомадаро метавон ҳангоми мушаххас кардани заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккул ва таҳаввули ахлоқ ҳамчун шохаи илми амалӣ, муайян кардани сатҳи баррасии масъалаҳои ахлоқӣ ва тавсифи категорияҳои ахлоқӣ дар куҳантарин ёдгориҳои хаттии мардуми тоҷику форс ва таъсири онҳо барои таҳким ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар марҳилаҳои баъдинаи рушди ҷомеаи инсонӣ ба таври васеъ истифода намуд. Илова бар ин, маводи коркардшуда, натиҷаҳои илмӣ-амалии бадастомадаро метавон ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, матни мухтасари лексияҳо, маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ, дигар воситаҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, ахлоқ, этикаи коргузорӣ, фарҳангшиносӣ, сотсиологӣ истифода намуд.

Инчунин, истифодаи хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар раванди баргузор кардани корҳои тарбиявӣ, ташвиқотӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ, арҷ гузошта тавонистан ба арзиш ва муқаддасоти миллӣ, пешгирӣ аз таассубу хурофот ва ғайра аз манфиат холӣ намебошанд.

5. **Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот ба талаботи Шиносномаи тахассус: 09.00.03 – таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат мекунад.

**6. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур кори илмие мебошад, ки аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шудааст. Дар раванди пажӯҳиши мавзуъ диссертант дар асоси такя ба маъхазҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои муътамад муваффақ гаштааст, ки заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккулёбии этикаро ҳамчун шохаи илми амалӣ дар аҳди Сосониён, ҷойгоҳи ахлоқ ва таҷассуми категорияҳои ахлоқиро дар ёдгориҳои хаттӣ, аҳамият ва арзиши этикаи Сосониёнро дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон пешниҳод намояд. Натиҷаҳои бадастовардаи назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо бевосита дастоварди илмии муаллиф ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, мақолаҳои илмии нашргардида, маъруза ва гузоришҳои муаллиф дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои илмӣ-назариявии гуногунсатҳ салоҳияти ӯро нисбат ба масъалаи баррасишаванда дар диссертатсия тасдиқ менамоянд.

**7. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, мувофиқати усулҳои таҳқиқот бо ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда, манбаъҳо ва маъхазҳои ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар диссертатсия мавҷуданд, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ пешниҳод карда шудаанд.

**8. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласаи №9 аз 29.04.2024) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ ҳар сол (2019-2024) дар конференсияҳои илмӣ-амалии апрелие, ки дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор мешаванд, дар семинарҳои илмӣ-назариявии кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии донишгоҳ гузориш дода шудааст. Инчунин дар се конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040), 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “Ҳикмати ахлоқии Корномаи Ардашери Бобак” (22 апрели соли 2021), конференсияи илмӣ-амалии байнимактабҳои олии

“Философское осмысление проблем инновации в современном таджикском обществе” дар Донишгоҳи Руссия ва Тоҷикистон (Славянӣ) дар мавзуи “Этика Сасанидов: традиция и инновация” (28 ноябряи соли 2023) ва дар конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи “Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ” бахшида ба 1800 солагии таъсисёбии давлати Сосониён бо мавзуи “Бозтоби ахлоқ ва баррасии масъалаҳоии ахлоқӣ дар ёдгориҳои хаттии замони Сосониён” (26 апрели 2024) бо маърузаҳо баромад намудааст.

**9. Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Мазмуну мухтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар се мақолаҳои муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гаштаанд ва се мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқот.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 160 саҳифаи матни чопиро ташкил медиҳад.

**II. Мақолаҳои таҳиякардаи муаллиф, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М] Каримов Қ. С., Бердиев Ш. П. Нақши этикаи Сосониён дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон. [Матн]: Каримов Қ. С. //Паёми донишгоҳи Хоруғ. - Хоруғ, 2023. -№4 (28). -С. 92 -102.

[2-М] Каримов Қ. С. Фарҳангистони Гунди Шопур ва ҷойгоҳи он дар ташаккул ва рушди этикаи Сосониён. [Матн]: Каримов Қ. С. //Ахбори ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. - Душанбе, 2024. -№1 . -С. 149 -155.

[3-М] Каримов Қ. С. Таҳқиқи масъалаҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён. [Матн]: Каримов Қ. С. //Паёми донишгоҳи миллӣ. - Душанбе, 2024. -№3. -С. 112 -118.

Диссертатсияи номзадии Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич “Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа ба марҳилаҳои навбатии ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Коркарди рисола.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар якчанд конференсияҳои илмию амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич "Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» кори мустақилона анҷомёфтаи илмӣ буда, аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа мувофиқат намуда, аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Хулосаи мазкур, дар маҷлиси кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ 29-уми апрели соли 2024 қабул гардид.

Дар маҷлис 20 нафар аъзои кафедра ва ду нафар устодон аз кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ (н.и.ф., дотсент Элназаров М.Б., н.и.ф., дотсент Давлатов П. Н.) дар муҳокима ширкат варзиданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 22 нафар; зид - нест, бетараф - нест.

**Раис:**
Мудири кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Г. Саидова

**Котиб:**
номзади илмҳои фалсафа, и.в.дотсенти кафедраи
фалсафа ва фарҳангшиносии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ К. Ҷураев

Имзои Г. Саидова ва К. Ҷураевро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ А. Мустафозода